# ФАРМОИШИ
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Аз « 05 »  10  соли 2017  №4654  ш.Душанбе

Дар бораи амалӣ намудани қарори мушовараи
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.09.2017, №14/14

Бо мақсади амалӣ намудани қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.09.2017, №14/14 «Дар бораи тасдиқи «Тартиби додани диплом ба хатмкунандагоне, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ таҳсил намудаанд» мутобиқи банди 13 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2014, №145) ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.09.2017, №14/14 «Дар бораи тасдиқи «Тартиби додани диплом ба хатмкунандагоне, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ таҳсил намудаанд», мавриди амал қарор дода шавад (замима мегардад).

2. Ба ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ супорида шавад, ки ҳангоми додани диплом ба хатмкунандагон талаботи Тартиби мазкурро риоя намоянд.

3. Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус (С. Қодиров) ва раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ (Ф. Ҳайдаров) супорида шавад, ки иҷрои фармоиши мазкурро таъмин намоянд.

4. Фармони вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Дастуруламал оид ба тартиби додани диплом ба хатмкунандагоне, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии ҷумҳурӣ таҳсил кардаанд» аз 07.07.2008, №1036 аз эътибор соқит дониста шавад.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми вазири маориф ва илм Р. Мирбобоев гузошта шавад.

Асос: қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.09.2017, №14/14.

Вазир  Нуриддин Саид

Муовини якуми вазир
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ
Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва котибот

**ҚАРОРИ МУШОРАИ**
**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

аз «29» 09 соли 2017 №14/14 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи «Тартиби додани диплом ба хатмкунандагоне, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ таҳсил намудаанд»

Мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориши раёсати кадрҳо ва корҳои махсусро «Дар бораи тасдиқи «Тартиби додани диплом ба хатмкунандагоне, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ таҳсил намудаанд» баррасӣ намуда, қарор мекунад:

1. Тартиби додани диплом ба хатмкунандагоне, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ таҳсил намудаанд, тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Ба ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ супорида шавад, ки ҳангоми додани диплом ба хатмкунандагон талаботи Тартиби мазкурро риоя намоянд.
3. Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус (С. Қодиров) ва раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ (Ф. Ҳайдаров) иҷрои қарори мазкурро таъмин намоянд.
4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якуми вазир Р. Мирбобоев гузошта шавад.

Раиси мушовара,
вазир Нуриддин Саид

Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «29» 09 соли 2017 №14/14 тасдиқ шудааст

**Тартиби**
**додани диплом ба хатмкунандагоне, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ таҳсил намудаанд**

1. Тартиби додани диплом ба хатмкунандагоне, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ таҳсил намудаанд (минбаъд - Тартиб) дар асоси қисми 2 моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва Тартиби тақсимот ва бо ҷои кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017, № 262 тасдиқ шудааст, омода гардида, тартиби ба хатмкунандагони аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ таҳсилнамударо дар ҷумҳурӣ муайян менамояд.

2. Роҳбарони муассисаҳои таълимӣ бо мутахассисони ҷавон - хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ ҳамкорӣ менамоянд.

3. Ба донишҷӯёне, ки тибқи Қарордоди фаъолияти якҷояи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаи таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии таълимии давлатӣ ва шаҳрванд (донишҷӯ) ва тақсимоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаҳои таълимӣ доранд, дар асоси қисми 2-и моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва Тартиби тақсимот ва бо ҷои кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон, дар муассисаҳои таълимӣ 3 сол кори бетанаффуси омӯзгориро ба анҷом мерасонанд, баъди пешниҳоди ҳуҷҷатҳое, ки дар банди 5-и ин Тартиб нишон дода шудааст, диплом дода мешавад.

4. Дар сурати мавҷуд будани танаффуси 6- моҳа шаҳрванд аз ҳуқуқи гирифтани диплом маҳрум мегардад. Ба ӯ танҳо баъди иҷро намудани муҳлати муайянгардида диплом дода мешавад. Ин шаҳрванд вазифадор карда мешавад, ки муҳлати дар қарордод муайяншударо иҷро намояд.

Дар сурати даст кашидан ва иҷро накардани қарордод тибқи қонунгузорӣ ҳуҷҷатҳояш ба суд барои баргардонидани маблағи буҷет фиристода мешавад.

5. Ҳангоми гирифтани диплом аз шаҳрванд чунин ҳуҷҷатҳо талаб карда мешавад:

- нусхаи Қарордоди фаъолияти якҷояи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаи таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии таълимии давлатӣ ва шаҳрванд (донишҷӯ);
- маълумотнома оид ба собиқаи кори сесолаи омӯзгорӣ бо имзои сардори раёсат, мудири шуъбаи маориф ва тасдиқи муовини сарпарасти ноҳия ва шаҳр;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ бо муҳру имзо;
- тавсифномаи сардори раёсат, шуъбаи маориф;
- гувоҳномаи тасдиқнамудаи директори муассиса;
- нусхаи варақаи музди меҳнати сесолаи собиқаи корӣ.

Ба шаҳрванд баъди пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зикргардида диплом дода мешавад.

6. Шаҳрванд барои гирифтани диплом ба ректори (директори) муассисаи таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ бо ариза ва ҳуҷҷатҳои дар банди 5 омада муроҷиат менамояд. Ректори (директори) муассисаи таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ ариза ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардидаро барои омӯзиш ба шуъбаи таълим ирсол менамояд. Баъди омузиш ҳуҷҷатҳои мазкур ба шуъбаи кадрҳо фиристода мешавад.

7. Ариза ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида дар дафтари махсуси шуъбаи таълим ва ё кадрҳо бо нишон додани рақам (ному насаб, соли хатм ва соли ба анҷом расондани муҳлати муқарраршуда (се сол) ба қайд гирифта мешавад. Сипас, ҳуҷҷатҳо аз санҷиш гузаронида шуда, баъди тасдиқ гардидани онҳо диплом ва замимаи он омода мегардад ва барои имзо ба ректор (директор) пешниҳод карда мешавад.

8. Шаҳрвандоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии давлатиро (хусусан, ихтисосҳои омӯзгорӣ) аз ҳисоби буҷети давлатӣ хатм карда, мувофиқи роҳхати мақоми ваколатдори давлатӣ ва Қарордоди фаъолияти якҷояи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаи таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии таълимии давлатӣ ва шаҳрванд (донишҷӯ) ба ҷои кор ҳозир намешаванд ва 3 сол бетанаффус аз рӯи ихтисос фаъолият намекунанд, маблағи пурраи таҳсилро ба буҷети ҷумҳурӣ тибқи тартиби муқарраргардида бармегардонанд, пас аз он дипломи онҳо бо қайди иҷро накардани Қарордоди фаъолияти якҷояи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаи таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии таълимии давлатӣ ва шаҳрванд (донишҷӯ) дода мешавад.

9. Роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ пас аз пардохти пурраи маблағи ҳаққи таҳсил ва мутобиқи талаботи дар боло зикргардида ба хатмкардагон ҳуҷҷати расмии намунаи давлатӣ (диплом) дар бораи таҳсилот ва ихтисос медиҳанд.

10. Шаҳрвандоне, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатиро бо баҳои «аъло» хатм карда, ба магистратура ва аспирантура тавсия шудаанд, пас аз хатм ҳуқуқи гирифтани дипломро доранд.

11. Ба шаҳрвандони тоҷикзабони хориҷи кишвар, ки муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии давлатиро хатм кардаанд, баъди хатми муассисаи таълимӣ (бе собиқаи кори сесола) диплом дода мешавад.

12. Шаҳрвандоне, ки тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дохил шуда, онро хатм мекунанд, барои кор ба макони зисти худ фиристода мешаванд ва баъди собиқаи кори сесола ба онҳо диплом дода мешавад.

13. Хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олие, ки дар асоси тақсимот ба магистратура ва аспирантура тавсия мешаванд, тибқи банди 14 «Тартиби тақсимот ва ба ҷои кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.05.2017, №262 тасдиқ гардидааст дар мувофиқа бо мақомоти давлатии дахлдор фиристода мешаванд.

14. Дар сурати ба магистратура ва аспирантура тавсия ва дохил шуданашон мактуб аз Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати гирифтани диплом ба муассисаи таълимӣ ирсол мегардад.

15. Агар ба сифати ассистент ё лаборант дар муассисаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба кор тавсия гарданд, ба онҳо баъди се сол диплом дода мешавад.